## Таваллуди Исои Масеҳ

1 Дар он айём аз ҷониби қайсар Авғустус фармоне баромад, ки дар
тамоми рӯи замин саршуморӣ гузаронанд. 2 Дар замоне ки
Кириниюс дар Сурия хукмронӣ мекард, ин саршуморӣ аввалин буд.
3 Ва ҳама барои нависондани худ, ҳар яке ба шаҳри худ мерафтанд.
4 Юсуф низ аз Ҷалил, аз шаҳри Носира, ба Яхудо, ба шаҳри Довуд,
ки Байт-Лаҳм ном дорад, равона шуд, чунки ӯ аз хонадон ва авлоди
Довуд буд, 5 То худро бо Марьям, ки номзади ӯ ва ҳомиладор буд,
нависонад. 6 Ва ҳангоме ки онҳо дар он ҷо буданд, вақти зоидани
вай расид; 7 Ва Писари нахустини худро зоид, ва Ӯро парпеч кард,
ва Ӯро дар охуре хобонид, чунки дар мусофирхона ҷое барои онҳо
набуд. 8 Дар он сарзамин чӯпононе буданд, ки шабона дар ҳавои
кушод рамаи худро посбонӣ мекарданд. 9 Ва фариштаи Худованд
бар онҳо зоҳир гардид, ва ҷалоли Худованд дар гирду пешашон
дурахшид, ва онҳо бағоят ҳаросон шуданд. 10 Фаришта ба онҳо
гуфт: «Натарсед; зеро ки муждаи бузурге ба шумо мерасонам, ки он
барои тамоми қавм хоҳад буд: 11 Имрӯз барои шумо дар шаҳри
Довуд Наҷотдиҳанда таваллуд шуд, ки Ӯ Масеҳи Худованд аст; 12
Ва ин аст аломат барои шумо: Кӯдакро парпечшуда ва дар охуре
хобида хоҳед ёфт». 13 Ногаҳон бо фаришта фавҷе аз лашкари осмон
пайдо шуданд, ки Худоро ҳамду сано хонда, мегуфтанд: 14 «Худоро
ҷалол дар арши аъло, ва осоиштагӣ бар замин, ва ҳусни таваҷҷуҳ,
дар миёни мардум бод». 15 Вақте ки фариштагон аз пеши онҳо ба
осмон сууд карданд, чӯпонон ба якдигар гуфтанд: «Биёед, ба
Байт-Лаҳм биравем ва он чиро, ки дар он ҷо вокеъ шудааст, ва
Худованд онро ба мо хабар додааст, бубинем». 16 Ва бо шитоб
омаданд, ва Марьям ва Юсуф ва Кӯдакро, ки дар охуд хобида буд,
ёфтанд. 17 Ва чун диданд, он суханеро, ки ба онҳо дар бораи Ин
Кӯдак гуфта шуда буд, нақл карданд. 18 Ва ҳамаи онҳое ки

шуниданд, аз он чи чӯпонон ба онҳо нақл карданд, мутааҷҷиб
шуданд. 19 Ва Марьям ҳамаи ин суханонро дар дили худ ҷо дода,
нигоҳ медошт. 20 Ва чӯпонон баргашта, Худоро ҳамду сано
мехонаданд ва ситоиш мекарданд барои ҳамаи он чизҳое ки шунида
ва дида буданд, чунон ки ба онҳо гуфта шуда буд.